Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

Тақризи

муққаризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич ба диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номазади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии пулию қарзӣ, макросиёсат ва микроравиш нисбат ба рушди системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.4. Проблемаҳои таъмини сиёсати мутавозинии сиёсати бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.5. Устувории системаи бонкии ҶТ ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ; 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк; 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ рушди бомароми иқтисодиёти миллӣ, ташкили мақсадноки муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа аз фаъолияти босамару устувории низоми бонкии кишвар вобастагӣ дорад Дар чунин шароит, таъмини устувории низоми бонкии кишвар, такмил додани механизми идоракунии омилҳои дохилӣ ва берунии он, ҷорӣ намудани низоми ташхис ва назорати устувории низоми бонкӣ бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, принсипҳои алтернативии бонкдорӣ, ташаккул ва татбиқи сиёсати мутавозуни бонкӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотиро дар фаъолияти бонкӣ дар назар дорад, ки имкон медиҳанд равандҳои бонкӣ автоматӣ карда шаванд.

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун институтҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю

истеъмокунанда иштирок намуда, бо ин роҳ даромади худро таъмин ва талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд.

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавассути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин, қонеъ кардани талаботи рӯзафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мерасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ, дар маҷмуъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ, ноором̄ӣ дар як қатор кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон, равандҳои идоракунии нодуруст дар умури низоми бонкӣ боиси бамаротиб коҳиш ёфтани шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ гардид, ки ин ҳолат аз муаммодор гардидани вазъи низоми бонкии кишвар гувоҳӣ медиҳад. Дар давоми 5 сол шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар ҳоли муфлисшавӣ қарор гирифта, аз 134 адади соли 2015 ба 71 адад дар соли 2021 расид, ки зиёда аз 50%-и ин шумораро ташкил медиҳад. Аммо, шумораи воқеии ташкилотҳои қарзии аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор хеле зиёд буд.

Аз ин хотир, мо чунин тамоюлро дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат яке аз муаммоҳои муҳимми боздорандаи рушди иҷтимою иқтисодии давлат ҳисобида, роҳи ҳалли ин масъаларо шарти воқеии таҳқиқоти илмии худ меҳисобем. Ба ин хотир, имкониятҳои васеи сармоягузории бонкҳо, ташкили дуруст ва самараноки гардиши пули нақд ва ғайринақдӣ метавонанд ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши равандҳои такрористеҳсол, ҳосилнокии меҳнат ва рушди иҷтимоии кишвар мусоидат намоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз ҳалли масъалаҳои фаврии илмӣ дар самти муаммоҳои низоми бонкӣ ва эътимоднокии унсурҳои алоҳидаи он (ташкилотҳои қарзӣ) иборат аст. Таҳлили ин мушкилот бо дарназардошти тамоюлҳои мавҷудаи рушди бахши бонкӣ ва ҳамгироии иқтисодии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба анҷом расонида шудааст. Методологияи ташкили низоми стандартикунонии баҳодиҳии бонки тиҷоратӣ асоснок карда шудааст ва модели баҳодиҳии устувории он таҳия карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод гардида, навгонии илмӣ ба ҳисоб меравад, инҳоянд:

- дар асоси ҷамъбасткунии илмии таҳаввулоти назарияи фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла таҳаввулот дар бораи заминаҳои ташаккул, зарурат ва аҳаммият, таъмини роҳҳои фаъолгардонии бахши бонкӣ, назарияҳои асосии олимони соҳа, ки ҷараёни ташкили низоми бонкиро боназардошти хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи густариши низоми бонкӣ ва дар давраи тағйирёбии сохтори сиёсии давлат ифода менамояд, дар бар гирифта, тавсифи бонкҳои тиҷоратиро вобаста ба зарурати иқтисодии онҳо дар бар мегирад, ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ такя мекунад.

- истифодаи усулҳои устувории фаъолияти бонкҳо дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки онҳо бо равандҳои таъсиррасон ба устуворӣ, пардохтпазирӣ ва босуботии низоми бонкӣ алоқамандананд, ошкор карда шудааст;

- муқаррар гардидани мавқеъ, сохтор, ҳиссаи фаъолият, арзёбии умумӣ, таҳлили тавозун, сиёсат, рушди якхелаи бонкҳо, мутобиқати рушди муҳити иқтисодии давлат, муаммоҳои низоми қарзӣ, омилҳои бесуботӣ дар доираи фарогирии хоҷагии халқ таснифи сатҳи устувории низоми бонкӣ пешниҳод шудааст;

- дар асоси таҳлили вазъияти имрӯзаи қарзӣ ва захиравии низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳаҷм ва сохтори дороиҳо амалӣ ва роҳҳои имконпазири он вобаста ба гурӯҳбандии бонкҳо пешбинӣ гардидаанд;

- кушодани муаммоҳои муҳимми молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҳаҷми дороиҳо, нишондиҳандаҳо вобаста ба пардохтпазирӣ, ҳаҷми қарзҳо, ҳаҷми пасандозҳо ва дигар масъалаҳои муҳимми молиявӣ вобастаанд, бо муайян кардани сатҳи устувории низоми бонкӣ тавассути ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар доираи имкониятҳои эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд;

- муайянсозии такрории гарав ва дар заминаи он гирифтани қарз аз бонкҳо, инчунин, сохтакорӣ дар захираҳои нақдӣ дар филиалу марказҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳои дурдаст бо ҳамкории соҳибкорон ва тоҷирони хурд ошкор гардид. Ғайр аз ин, дар заминаи ташкили муҳити гуногунрангсозӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири омилҳои хатарафзо сатҳи низоми бонкиро коҳиш медиҳад, нақша таҳия гардида, механизмҳои имконпазири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гуногунрангсозӣ пешбинӣ гардидааст.

**Нуқтаҳои асосии кори илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби унвонҷуй ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инҳоянд:**

Аҳаммияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки ҳамчун нуктаи ҳимояшаванда мебошанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- вобаста ба давраҳои рушди низоми бонкӣ ва падидаҳои бавуҷудомада, ки асоси воқеии рушди низоми бонкӣ мебошанд;

- дар доираи дараҷабандии равандҳои таҳлил ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ва ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ;

- дар асоси татбиқи имкониятҳои мавҷуда муайян кардани равандҳои устуворӣ, ки фарогири масъалаи сиёсати бонк, захираҳо ва дигар имкониятҳо мебошанд;

- дар шароити доимотағйирёбандаи иқтисодиёти имрӯза муайян намудани иқтидори қарзӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта бо таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ;

- самтҳои асосии арзёбии устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар доираи имкониятҳои молиявии онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилоти мавҷуда пешниҳод шудааст;

- асоснок карда шудани усулҳои устувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои пардохтпазирӣ ва тавсифи равандҳои арзёбии омилҳои алоҳидаи устуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ таҳқиқ шуда, таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи нақшаи муайяни гуногунрангсозӣ бо дурнамои рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ пешниҳод гардидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 6 расм, 18 ҷадвал, 10 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 201 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 178 саҳифа таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи мавзуъ асосноккунии мубрамияти таҳқиқоти илмӣ, баҳо додани дараҷаи омӯхташавии мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои он, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пояи иттилоотии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва дараҷаи эътимоднокии он баррасӣ шудааст.

Боби якуми рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ “Асосҳои назариявию методии ташаккули устувории низоми бонкӣ” ном дошта, дар он ташаккули низоми бонкӣ ва аҳаммияти иқтисодии он дар ҷомеа, масъалаҳои ташаккули низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш ва омилҳои асосии устуворӣ, босуботӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми кори илмӣ-таҳқиқотӣ “Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он» номгузорӣ гардида, дар ин боб унвонҷӯй таҳлили устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои иқтисодии он, таҳлили нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои онро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия “Таҳияи механизми таъмини устувории мутобиқшавандаи ташкилотҳои қарзӣ дар Тоҷикистон» муаллиф баҳодиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номувозинатии иқтисодиёт, масъалаҳои асосии солимгардонии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар шароити баландшавии хавфҳои бонкӣ, гуногунрангсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таъмини устувории мутобиқшавандаро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар қисми хулоса натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас асоснок карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муқаррароти кори илмӣ-таҳқиқотӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимон ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаи устувории низоми бонкдорӣ васеъ истифода намуда, дар асоси гуфтаҳои онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодааш вобаста ба механизмҳои таъмини устувории ташкилотҳои қарзиро бо як қатор таҳлилҳо анҷом дода, роҳҳои ҳалли мушкилотҳои дар ин самт мавҷударо пешниҳод намудааст.

Унвонҷуй дар рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ паҳлуҳои назариявию методии ташаккули устувории мутобиқшавандаи низоми бонкиро таҳқиқ намуда, дуруст қайд кардааст, ки сатҳи иқтисодиёти миллӣ бояд таҷриба асоси фаъолияти тамоми низоми бонкиро ташкил намояд ва стратегияи фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ аз рӯйи ҳодисаҳои иқтисодӣ ва эҳтимолияти тағйироти дар он бавуҷудоянда таҳия карда шавад ва барои таъмини бехатарии низоми бонкии кишвар вобастагии захираҳои пулии онро ҳарчи тезтар ба восита ва омилҳои беруна коҳиш дода, рушду пешрафти онҳоро ба иқтисоди миллӣ ва дигар омилҳои дар он ҷойдошта бояд зиёд намуд. (саҳ.38).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки рақобатпазирӣ дар низоми бонкӣ ҳамчун омили асосии танзим ва рушди муносибатҳои бонку мизоҷ дар

бозори бонкӣ аз ҳисоби ишғоли ҳиссаи зиёди амалиёт ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад (саҳ.49).

Фикрронии муаллиф роҷеъ ба он, ки ҳамбастагии устуворӣ, босуботӣ, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва рақобатпазирӣ арзёбии мундариҷаи равандҳо ва таъсири омилҳое, ки дар дохил ва берун аз низоми бонкӣ рух додаанд, истифода гарданд, қобили таваҷҷуҳ мебошад (саҳ 59).

Мо ақидаи унвонҷуйро тарафдорӣ менамоем, ки тартиби дурусти сиёсати кадрии низоми бонкӣ вобаста ба талаботи нави иқтисодӣ ба роҳ монда шавад (саҳ. 76).

Мо пешниҳоди унвонҷуйро доир ба он, ки сатҳи баланди касбияти таҳлилгарон ва коршиносони ташкилоти қарзӣ ҳамчун шарти зарурӣ барои шарҳи дурусти равандҳо, паёмадҳо, фишорҳо ва ҳолатҳои бароmadан аз буҳрон қарор дорад, ки ба ин масъала бояд таваҷуҳи махсус дод, пурра дастгирӣ менамоем (саҳ. 107)

Аз ҷониби диссертант вобаста ба механизмҳои нави идоракунии қарзҳои ғайрифаъол ва дар заминаи ин ташкил намудани механизмҳои имконпазири захираҳои эҳтимолӣ ҷиҳати дар ҳолатҳои форсмажорӣ рӯйпӯш намудани ин гуна қарзҳо қобили таваҷҷуҳ мебошад (саҳ.120).

Дар саҳифаи 142 диссертант ҷиҳати такмили механизми устувории низоми бонкиро бо як қатор чораҳоро, аз қабили гуногунрангсозии захираҳо, гуногунрангсозии самти амалиётҳою хизматрасониҳо, риояи меъёрҳои қонуну дастурамалҳо, ташкили муҳити идоракунӣ, сафарбарсозӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо.

Муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, дар баъзе мавридҳо, осебпазир гардидани низоми бонкӣ зарурати гуногунрангсозии фаъолияти бонкҳоро бо мақсади паси сар кардани буҳронҳои мавҷуда тақозо менамояд. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар низоми бонкӣ, яке аз роҳҳои берун кашидани низоми бонкӣ аз вазъияти буҳронӣ, ин гуногунрангсозии нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ мебошад (саҳ.143).

Унвонҷуй дуруст дарк кардааст, ки айни замон нишондиҳандаҳои муҳимми низоми бонкӣ вобаста ба тағйирёбии шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, тағйирёбии раванди пардохтпазирӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, иқтидори молиявии бонкҳо, ҳиссаи бақияи пасандозҳо, бақияи сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва дар заминаи ин сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, паст гардонидани шиддати хавфҳои қарзӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, ки ҳалли ин масъалаҳо қобили қабул мебошад. (саҳ.153).

Пешниҳоди унвонҷуй роҷеъ ба ошкор гардидани ҳолатҳое, ки аз ҳисоби гарави қарзӣ бонкҳоро ба мушкилот мувоҷеҳ намуд ва дар ин ҷо мавқеи муҳимтаринро осебпазирии низоми бонкӣ ишғол менамояд аммо тамоми ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ба талаботи принсипҳои мавҷудаи худ аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд, ҷолиби диққат мебошад (саҳ. 155).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти механизмҳои устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир зарурӣ мебошанд таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот аз таҳқиқот ва усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ, инчунин, усулҳои моделсозии математикии равандҳои иқтисодии низоми бонкӣ истифода шудаанд. Ҳангоми таҳияи хулосаҳои худ муаллиф заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқиро дар якҷоягӣ бо як қатор масъалаҳои баррасишаванда ба назар гирифта тадқиқотро ба анҷом расонидааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот аз таҳқиқоти пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ иборат буда, асарҳои муаллифони қаблан зикршуда дар бораи рушд ва коҳиш додани муаммоҳои бахши бонкӣ, принсипҳои асосии назорати самараноки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар доираи меъёрҳои сохторҳои алоҳида оид ба танзими низоми бонкӣ мебошанд. Ҳамзамон, бо ин дар сатҳи фаъолияти бонкӣ ва механизмҳои гуногуни устувории он як қатор таҳқиқот анҷом гардиданд, ки методикаи баҳодиҳӣ ва пешниҳоди роҳҳои таъмини устувории бонкҳо дар ин таҳқиқот истифода гардидаанд.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқот имкон медиҳанд, ки дар заминаи усулҳои методӣ вобаста ба имконият ва иқтидори мавҷуда устувории низоми бонкӣ таъмин гардида, механизмҳои муосири таъсиррасон дар сатҳи зарурӣ истифода гарданд. Бо истифода аз таҷрибаи амалии бонкҳо дар ҷараёни амалиёт ва хизматрасонӣ механизмҳои таъмини устувории низоми бонкӣ дар шароити имрӯза коркард ва дар сатҳи зарурӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, баҳодиҳии эътимодноки устувории ташкилотҳои қарзӣ фарқ карда шуда, бонкҳо аз рӯйи ҳолати воқеии дороиҳо ва имкониятҳои сифати дороиҳо таснифот шуда, муаммоҳо ва устувории молиявии онҳо пешгӯӣ карда шудаанд.

Ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми таҳияи сиёсати қарзӣ ва мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва қабули

қарорҳо оид ба иҷрои вазифаҳои таъмини захираҳои қарзӣ метавонанд аз тавсияҳои пениҳодшуда истифода баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 7 мақола, бо ҳаҷми умумӣ 2,7 ҷузъи чопӣ (бо ҳуқуқи муаллифӣ) нашр шудаанд. Аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Теъдоди маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба банди 14 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст), мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот. комиссияи. Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА -ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад.**

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар баъзе қисматҳои муқаддимаи диссертатсия ноқисӣ дида мешавад, ки мукаммалгардонии он ба манфиати устувории таҳқиқоти анҷомгардида мебошад. Масалан хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ номи барномаҳои амалкунандае, ки ба таҳқиқоти мазкур рабт доранд, нишон медод.
2. Вобаста ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон зарур аст, ки расмиётҳои техникии ҷобаҷогузории ҷадвал ва диаграммаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботҳои мавҷуда мутобиқ карда шаванд.
3. Дар рақамгузории фаслҳои бобҳои диссертатсия хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳбудии диссертатсия хоҳад буд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ҷумлаҳо ва масъалаҳои такрорӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо боиси беҳбудии диссертатсия хоҳад буд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки эродҳои қайдкардашуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшавандаанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбасти оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Кори илмӣ-тадқиқотии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқарризи расмӣ, н.и.и., и.в., дотсент,
мудири кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҳалимов Л.М.

Суроғаи муассиса.
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, кӯч. Деҳотӣ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 234 -83-46
E-mail: mail @ddtt.tj

Дурустии имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.